Шурӯъ аз якуми апрели соли 2016 дар тамоми шахру навохии мамлакат даъвати бахории шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ чараён дорад. Дар давоми 20 рӯзи чараёни ин маъракаи мухими сиёсӣ ичрои накшаи даъват дар каламрави чумхурӣ 62%-ро ташкил медихад.

Дар нахуст рӯзи даъват нохияи Кӯхистони Мастчох ва Истиклоли вилояти Сугд накшаи ба онхо пешбинишударо пурра ба анчом расониданд. Чорабинии мазкур дар дигар шахру навохии ин минтака муташаккилона идома дошта, ичрои накша дар вилояти Сугд ба 61% баробар мебошад.

Дар давоми ду дахрӯзаи чорабинии даъватии шахрвандон ба хизмати харбӣ, ичрои накша дар гарнизони Хорӯг 75% буда, аллакай дар ин минтака нохияхои Дарвоз ва Ишкошим накшаи ба онхо пешбинишударо пурра ба анчом расониданд.

Аз мачмӯи умумии 25 шахру навохии вилояти Хатлон то ин дам, шахру нохияхои Кургонтеппаву Сарбанд ва нохияхои Балчувону Носири Хусрав аз ичрои пурраи накшаи даъват гузориш дода, ичрои накша дар каламрави ин гарнизон 72% - ро ташкил медихад.

Хамин тарик, дар комиссариатхои харбии нохияхои тобеи чумхурӣ ичрои накша 57% ва дар чахор навохии пойтахт бошад, он ба 38% баробар аст.

МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВМЧТ